*“Садои Шарқ”, No 9, 1975,*
*с. 125-128.*

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ**

# Асоси як тасвири шоирона

Муайян кардани асоси образ, дарьёфтани ҳақиқати ҳар як тасвири шоирона ва бекаму кост дарк кардани марому матлаби аслии шоир, бешубҳа, дорои қимати илмӣ мебошад. Кашфи ҳаматарафаи моҳияти асоси тасвири шоирона чун калиде хизмат хоҳад кард, ки туфайли он дониш ва ҷаҳонбинӣ, дараҷаи маҳорат ва чигунагии завқи эстетикии суханвар ҳувайдо мегардад. Ин фикрро таҳлили як тасвири шоиронаи устод Рӯдакӣ исбот мекунад.

Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» бо байтҳои зерин сар мешавад:

*Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чи дандон буд,*
*Набуд дандон, ло, бал чароғи тобон буд.*

*Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,*
*Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.*

Дар ҳамаи нашрҳои осори Рӯдакӣ байти якум асосан дар шакли мазкур дучор меояд, аммо дар байти дуюм тағйирот ба назар мерасад, чунончи, калимаи «симрада» дар «Осори Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958, саҳ. 19), «Осори манзум» (Москва, 1964, саҳ. 26) ва ғайра дар сурати «симзада» чоп шудааст; Саид Нафисӣ («Аҳвол ва ашъори Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ», ҷилди III, Теҳрон, 1319, саҳ. 977), Усмон Каримов ва Садри Саъдиев (Рӯдакӣ, Шеърҳо, Душанбе, «Ирфон», 1974, саҳ. 55) ва баъзе дигарон аз таркиби «симрада буду дур» пайвандаки паиҳами «у»-ро партофтаанд. Имлои «қатраборон» дар ҳамин шакл дида нашуда — онро Холиқ Мирзозода («Абӯабдулло Рӯдакӣ - асосгузори адабиёти классикии тоҷик», Сталинобод, 1958, саҳ. 23), Шарифҷон Ҳусейнзода («Адабиёти тоҷик», барои синфи VIII, Душанбе, «Ирфон», 1974, саҳ. 59) ва чанде дигарон «қатри борон» навиштаанд; аз рӯи шаҳодати Саид Нафисӣ, ифодаи мазкур дар

китобҳои «Маҷмаъ-ус-саноеъ», «Маҷолис-ул-ушшоқ», «Ал-тӯҳфат» низ дар ҳамин сурат сабт ёфта будааст. Ин ифода дар нашрҳои солҳои 1958 ва 1974 осори шоир ва ғайра дар шакли “қатра борон” ба назар мерасад. Устод Айнӣ таъбири номбаршударо дар ҳар ду шакл овардааст, яъне агар дар “Намунаи адабиёти тоҷик” (Москва, 1926, саҳ. 11) «қатра борон» на- вишта бошад, дар «Устод Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1940, саҳ. 80) “қатри борон” зикр кардааст.

Муҳаққиқоне, ки ҳангоми таҳлили қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ба ин байтҳо дахл кардаанд, «қатраборон»-ро чун «қатраи борон» фаҳмидаанд ва маънидод кардаанд. Масалан, проф. Ҳусейнзода навиштааст: «Рӯдакӣ ... давраи пирӣ ва бечорагии худро тасвир мекунад, дар ёди овони ҷавонӣ ташбеҳҳои бисёр сода, вале зебо ба кор мебарад; чунон ки мебинем, дандонҳои даврони ҷавониро ба «чароғи тобон», «ситораи саҳарӣ», «қатраи борон» монанд мекунад». Донишманди сабки назми асри X Муҳаммаднури Усмонов низ ифодаи мазкурро қатраи борон донистааст ва тафсир кардааст.

Ҳамаи тарҷумонҳои ин шеъри устод низ «қатраборон»-ро чун қатраи борон тарҷума кардаанд. Чунончи, мутарҷими рус В. Левик байтҳои болоро ба тарзи зайл гардондааст:

*Все выпали мои зубы,*
*все искрошились они.*
*Нет, это были не зубы,*
*а светочи в прежние дни.*
*Как серебро, как жемчуг,*
*они сверкали тогда,*
*Как перлы дождя, как светлая*
*утренняя звезда.*

Семён Липкин бошад, байтҳои мазкурро ба забони русӣ ин тариқа овардааст:

*Все зубы выпали мои, понял я впервые,*
*Что были прежде у меня светильники живые.*

*То были слитки серебра, и перлы и кораллы,*

*То были звезды на заре и капли дождевые.*

Тарҷумаи илмии ин байтҳо, ки Муҳаммаднури Усмонов ба амал баровардааст, ба истиснои таъбири охирин («капли дождя») пурра мутобиқи асли матн мебошад:

*Искрошились и выпали у меня все зубы,*
*Были это не зубы, а озаряющие светочи.*

*(Это) был белый серебряный ряд, жемчуга и кораллы,*
*(Это) были утренние звезды и капли дождя.*

Ба ин тариқ ифодаи охирини байти дуюм аз тарафи ҳама ҳамчун қатраи борон фаҳмида шудааст. Аммо чунин фаҳмиш чи аз нуктаи назари мундариҷаи образ ва чи аз лиҳози шакли он бо асли ҳақиқат пурра мутобиқат намекунад.

Аз хусуси мундариҷа мулоҳизаҳои зерин қобили таваҷҷуҳ буда метавонанд:

Дандон дар ранг ба қатраи борон пурра шабеҳ буда наметавонад, зеро борон хиратоб мебошад, аммо дандон сафеди равшан аст; он медурахшад, дандон ҷисми сахт аст, лекин қатра акси он - моеъ мебошад дандон бобақост, чанд ҳазор сол боқӣ мемонад, вале қатра лаҳзае беш умр надорад — дар сонияе тағйир меёбад, сифатан нобуд мешавад; дандон дар масъалаи шаклу сурат низ ба қатраи борон пурра монанд намебошад. Шакли қатраи борон дар назари омма нисбат ба дандон мавҳум аст, ҷараёни бориши борон дуруст имкон намедиҳад, ки кас ба чашмони муқаррарӣ шакли қатраҳои онро равшан мушоҳида кунад. Гумон аст, ки шоири бузург чизи маълум ва ҳаётан зарурро ба чизи хира, бебақо ва шаклан мавҳум монанд карда бошад.

Дар сурати ба эътибор гирифтани қатраи борон таносуби байни тасвирҳои шоиронаи байт як андоза халалдор мешавад, яъне ривоҷи нисбии силсилаи образҳо қатъ мегардад. Шоир дандонро ба чизҳое ташбеҳ мекунад, ки он чизҳо дар сифату қимат ва моҳияти зотӣ бо ҳамдигар баробар набуда, балки фарқ доранд; образҳо тадриҷан дигар мешаванд, такомул меёбанд; моҳияти ташбеҳкунанда торафт васеътару мукаммалтар мегардад. Дандон

аввалан «чароғи тобон» шумурда мешавад, ки чизи маълуму машҳур ва ҳаётан зарур мебошад; пас ба нуқра, ки идроки моҳияти он барои омма то дараҷаи чароғ намебошад, монанд карда мешавад. Ҳамин тариқа, шоир ташбеҳкунандаҳои «дур», «марҷон» ва «ситораи саҳарӣ»-ро аз рӯи низому тартиби муайян дар тавсифи дандон истифода бурдааст. Душвор аст, ки Рӯдакӣ баъд аз зикри «ситораи саҳарӣ», ки дар сифат аълотарин дараҷаи ифодакунандаи сафедии дандон аст, монандкунандаи ноқис ва мавҳуми «қатраи борон»-ро оварда бошад.

Боиси шубҳаи ифодаи мазкур аз хусуси шакл, дар назари мо, инҳоянд:

Вазни қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ҳазаҷи мусаммани махбуни мақтӯи мусаббағ (мафоилун фаилотун мафоилун фаълон) мебошад. Аммо мисраи дуюми байти сонии қасида (дар сурати хондани «қатраи борон») ба вазни умумӣ мутобиқат намекунад, чунончи:

Са-пе-ду си-м-ра-да бу-ду дур-ру мар-ҷон буд,
Си-то-ра-и са-ҳа-рӣ бу-ду қат-ра-и бо-рон буд.
V - - - /V V - - / V - * - / V V - -

Бинобар дар вазн нағунҷидани «қатраи борон» ҳамаи котибон ва ноширон онро дар ду шакл «қатри борон» ва «қатраи борон» сабт кардаанд, то вазн дуруст бошад.

Ибораи «қатра борон» маъмул нест, калимаи «қатра» ҳатман бандаки изофӣ талаб мекунад. Таркиби «қатри борон» низ мутобиқи табиати забони тоҷикӣ намебошад, зеро ҳарфи «а» ба сабаби унсури решаи калима буданаш ихтисорнопазир аст, масалан, ҳеҷ гоҳ ба ҷои «лолаи сурх» - «лоли сурх», «хонаи баланд» - «хони баланд», «бунафшаи зебо»— «бунафши зебо», «пиёлаи чинӣ» - «пиёли чинӣ», «тангаи тилло» - «танги тилло» наменависанд.

Ба ин тариқ «қатраи борон» фаҳмидани асоси тасвири мазкури шоирона чи мазмунан ва чи шаклан расову мукаммал намебошад, бинобар ин муҳол аст, ки устод Рӯдакӣ қатраи боронро пиндошта, дар заминаи он образи шеърӣ сохта бошад.

Ба фикри мо, асоси образи ишорашударо на қатраи борон, балки гиёҳи маълуме ташкил медиҳад, ки онро қатраборон мегӯянд. Ба русӣ ин гиёҳро «эспарцет красивый» меноманд. Навъҳои гуногуни ин гиёҳ дар бисьёр

мавзеъҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла дар водиҳои Зарафшону Ҳисор ва вилоятҳои Кӯлобу Бадахшон ҳам мерӯяд. Ин рустании зеборо ҳоло ҳам аксари мардум «қатраборон» мегӯянд.

Қатраборон — алафи яксола буда, баҳорон месабзад, моҳҳои май - июнь гул карда, (гулҳои сафед ва гулобиву бунафш дорад) июль-август мепазад. Ин рустанӣ 25-60 сантиметр ва гоҳе аз ин ҳам бештар қад дошта, шохаҳо паҳн мекунад. Ҳар як шохаи қатраборон ба чандин шохча тақсим мешавад, ки он шохчаҳо мисли силсила аз шаддаи донаҳо иборатанд. Ана ҳамин донаҳо, аз як тараф, ба қатраҳои борон, аз тарафи дигар, ба дандон бағоят монандӣ доранд ва шаддаи донаҳо ба раддаи дандон мемонад. Инчунин, ҳар як донаи қатраборон як қатор дандонаҳои хурд-хурде дорад, ки дар ин сурат низ ҳар як дона ба раддаи дандон ва дандонаҳои он ба дандонҳо монандие пайдо мекунанд.

Аз ин ҷост, ки қатраборон ташбеҳкунандаи барҷаста ва дақиқи дандон ҳисоб ёфта метавонад. Бинобар ин метавон ҷасурона тахмин кард, ки устод Рӯдакӣ дар асоси яке аз образҳои шеърии худ гиёҳи пурманфиат ва нафису назарраборо гузошта, ба тавассути он силсилаи образҳои дандонро пурра ва тамом кардааст.

Зимнан, равиши торафт вусъатёбандаи силсилаи образҳои ду байти аввали қасида шоистаи диққати махсусест, зеро дар сурати ба эътибор гирифтани қатраборон силсилаи мураттабу мавзун ва мутаносиби «чароғи тобон» — «симрада» — «дур» — «марҷон» — «ситораи саҳарӣ» — «қатраборон» фароҳам меояд; силсила бо зикри ашьёи маълуми конкрет ва ҳаётан зарур («чароғ») оғоз ёфта, боз ба мафҳуми дигари ҳаётан муҳим («қатраборон») ба охир мерасад. Қатраборон, ки гиёҳи рӯи замин мебошад, бо ситораи саҳарӣ, ки дар авҷи осмон ҷойгир аст, ба эътибори дурии масофа таносуби тазодӣ пайдо мекунад ва ба ин васила тобиши маънавии матлаб пурқувват шуда, таъсири ҳиссиву ақлии образ афзун мегардад. Дар ин ҳолат таносуби устувори образҳо барқарор шуда, тимсоли барҷастаи мантиқи матини бадеии шоири бузург ҳисоб хоҳад гашт.

Дар қатраборон дидани асосу заминаи тасвири шоирона дорои якчанд аҳамият мебошад, чунончи, аз як тараф, маҳорати беназир ва ка- молоти баландпояи Рӯдакӣ ҷилвагар шавад, аз тарафи дигар, ин ҳолат исботи дигарбораи он аст, ки шоир на танҳо донишманди беҳамтои таърих ва

тамаддун будааст, балки олами набототро низ хеле хуб медонистааст, ҳаёти моддии воқеиро мабдаи беинтиҳои дониш меҳисобидааст. Инчунин ин масъала имконият медиҳад бори дигар ба хулосае оем, ки устод Рӯдакӣ модарзод нобино набудааст, зеро шахси нобино қатраборону дандонҳои онро, шабоҳати миёни гиёҳ ва дандонро ба ин нозукӣ ҳаргиз дарьёфта наметавонад.